«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи инноватсия ва
технологияҳои рақамии Тоҷикистон
_____ н.и.т., дотсент Ш. Саъдуллозода
«__08__» _____феврал_____ соли 2026

Хулосаи

ҷаласаи ғайринавбатии муштараки кафедраи технологияҳои маводи хӯрока ва кафедраи биохимияи тиббӣ, дорусозӣ ва тибби рақамии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон

Диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дар кафедраи технологияҳои маводи хӯрокаи Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим унвонҷӯи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб (айни ҳол Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон) ба ҳисоб мерафт.

Саидзода Рамазон Абдураҳим соли тавалудаш 04.05.1989, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016 Донишгоҳи давлатии Кӯлобро бо ихтисоси химия - биология хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишкадаи технология ва менеҷменти иноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб (айни ҳол Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон), №94/1ҳш аз 29-сентябри соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи технологияи маводи хӯрокаи аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ қабул шуда, онро 29- уми сентябри соли 2022 хатм намудааст.

Мавзуи кори диссертатсионӣ «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» ва роҳбари илмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Норов Мастибек Самадович дар маҷлиси Шурои олимони Донишкадаи технология ва менеҷменти иноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб (айни ҳол Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон), протоколи №3 аз 30 октябри соли 2017 баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Саидзода Рамазон Абдураҳим имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) - 4 (хуб) ва таърихи фалсафаи илм - 5 (аъло) дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб (айни ҳол Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон) ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 4 (хуб) дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур супоридааст.

Дар рафти ҷаласа мутахассисони зерин аз Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст, иштирок намуданд:

1. Набиев Толиб Набиевич – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, академики АИКТ, аъзои шурои диссертатсионии 6D.KOA -095 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;
2. Норов Мастибек Самадович - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, аъзои шурои диссертатсионии 6D.KOA -095 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, роҳбари илмӣ;
3. Нарзулоев Тош Саъдулоевич - доктори илмҳои кишоварзӣ аъзои шурои диссертатсионии 6D.KOA -095 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

4. Насридинов Қамариддин Шарипович – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи растанипарвариии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
5. Қодиров Қобилҷон Ғафоровичҳ– доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, аъзои шурои диссертатсионии 6D.KOA -095 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

Дар муҳокимаи диссертатсия андешаронӣ намуданд: Набиев Т.Н. – д.и.к., профессор, академики АИКТ, Нарзуллоев Т.С. - д.и.к., сарходими илмӣ, Насридинов Қ.Ш.- н.и.к., дотсент, Амрохонов А.А. н.и.х. мудири кафедраи биохимияи тиббӣ, дорусозӣ ва тиббӣ рақамии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, Сафаров Ш.С. д.и.х. порофессори кафедраи биохимияи тиббӣ, дорусозӣ ва тиббӣ рақамии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, Наимов У.Т. н.и.п, Шарипов Б.Р. н.и.п., Асоев Б.Х. н.и.и., Бобоев М.Т. д.и.б., профессор.

Бо дарназардошти маводҳои нашршуда, хулосаи муқарризон ва пешниҳодҳои иштирокдорон ҷаласа ба диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ чунин хулоса қабул карда шуд:

- мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия;

Соҳаи таҳқиқот самти кишоварзӣ ба шумор рафта, мавзуи он ба шиносномаи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, хусусан бандҳои 1; 16; 17; 20; ва 23 мутобиқат мекунад.

- алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ;

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ ва барномаҳои давлатии зерин мувофиқат мекунад:

1. Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №383, аз 1.08.2012).
2. Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 438, аз 20.10.2016).
3. Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 970, аз 30.12.2015).

- **мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он;**

Дар асоси маводҳои диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферати онро дар бар мегиранд.

- **мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;**

Натиҷаи эътимоднокии тадқиқот ба коркарди математикии маводи ба даст омада, тасдиқ карда шудааст. Маводҳои тадқиқот бо истифода аз усули коркарди таҳлили дисперсионӣ муайян карда шудааст. Таҷрибаҳои саҳроӣ дар давоми солҳои 2017-2023 аз ҷониби ҳайати комиссияи махсуси апробатсионии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб (айни ҳол Донишгоҳи иноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон) намояндагон аз Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур баҳогузорӣ карда шуда, натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои кафедраи маводи хурока ва Шурои олимони донишгоҳи мазкур муҳокима гардидааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ бо гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ тасдиқи худро ёфтаанд. Мавзуъ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо

илман асоснок гардида, натиҷаи тадқиқоти илмӣ тавссути нашрияи мақолаҳо ва баромаду маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ баррасӣ шудаанд.

- **саҳми довталаб дар иҷрои тадқиқи диссертатсионӣ;**

Саҳми шахсии муаллиф дар иҷрои тадқиқи диссертатсионӣ аз омода намудан ва интихоби дурусти мавзуи тадқиқотӣ, гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, коркарди натиҷаҳои биометрӣ ва фитометрии маҳсулнокии лӯбиё вобаста ба навъҳо, муҳлати кишт, зичии ниҳолҳо ва меъёри истифодаи нуриҳои минералӣ омӯхта ва илман асоснок карда шудаанд. Хулосаҳо навиштани мақолаҳои илмӣ, ҳисоботҳои солонаю ҷамъбастӣ ва навиштани диссертатсия иборат аст.

Саҳми иштироки бевоситаи унвонҷӯ барои ба даст овардани натиҷаи тадқиқот 85,4% аз ҳаҷми умумии корро ташкил медиҳад.

Диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мазмуну мӯҳтавои диссертатсия ва тадқиқоти иҷрошуда ба шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим аз муқаддима, 5 боб, 14 параграф хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили тадқиқи диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷалаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 1, 97 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи асосии тадқиқ аз мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

[1-М]. Саидзода Р.А. Методика ва макони гузаронидани тадқиқотҳо дар шароити хокию иқлимии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб/ Р.А. Саидзода М.С. Норов //Маҷалаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз» . – 2025, №41-46.

[2-М]. Саидзода Р.А. Маҳсулнокии навъҳои мухталифи лӯбиё дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб /Р.А. Саидзода// Гузоришҳои АИКТ, №4 (86) 2025, С. 56-64.

[3-М]. Саидзода Р.А. Таърихи парвариши лубиё ва аҳамияти он дар хоҷагии халқ / Р.А. Саидзода, А.А. Мамадризохонов, М.С. Норов // Илм ва фановарӣ, 2021, №3. - С. 171-176.

[4-М].Саидзода Р. А. Развитие отрасли фасолеводства в Кулябском регионе Республики Таджикистан / Р.А. Саидзода// Вестник Таджикского национального Университета, 2020, №5. - С. 159-164.

[5-М]. Саидзода Р.А.Основные вредители на посевах фасоли Кулябского региона Респуплика Таджикистан /Р.А. Саидзода //Теоретический и научно- практический журнал «Земледелец». - 2020, №2. -С. 50-53.

[6-М]. Саидзода Р. А. Основные болезни культура фасоли на территории Кулябского региона / Р.А. Саидзода // Наука и инновация - 2020, №3.- С. 220-224.

Мақолаҳо дар маҷмӯаҳои маводи конференсияҳо:

[7-М]. Саидзода Р. А. Меры барбы против вредителей на посевах фасоли Кулябского региона Республика Таджикистан /Р.А.Саидзода, А.А. Мамадризохонов,Ф.А.Ҷумаев// Международной научно-практической онлайн видеоконференции «Роль вузов в обеспечении устойчивого

развития региона в контексте ускоренной индустриализации страны». - Куляб, 2020. -С.202-206.

[8-М]. Саидзода Р.А. Биологическая продуктивность перспективных сортов фасоли в условиях Кулябского региона / Р.А. Саидзода, А.Н. Шоев, А.А.Мамадризохонов//Международной научно-практической онлайн видеоконференции «Роль вузов в обеспечении устойчивого развития региона в контексте ускоренной индустриализации страны». - Куляб, 2020. -С. 206-213.

[9-М]. Саидзода Р.А. Основные мероприятия по борьбе с вредителями на посевах фасоли Кулябского региона Республики Таджикистан /Р.А. Саидзода//Илм ва технологияи асри XXI- 2020/№2 (2) С.157-164.

[10-М]. Саидзода Р.А. Некоторые особенности распространения заболеваний фасоли в условиях Кулябского региона /Р.А. Саидзода// Илм ва технологияи асри XXI- 2020 №3 (3) С.153-159.

[11-М]. Саидзода Р.А. Таърихи парвариши лӯбиё ва аҳамияти он дар хоҷагии халқ /Международной научно-практической онлайн видеоконференции /Р.А. Саидзода //Роль вузов в обеспечении устойчивого развития региона в контексте ускоренной индустриализации страны - Куляб, 2020 - С.156-162.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ кори тадқиқотии анҷомёфта ҳисобида мешавад.
2. Диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-095-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур барои баррасии минбаъда пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраи технологияҳои маводи хӯрока ва кафедраи биохимияи тиббӣ, дорусозӣ ва тибби рақамии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2026, суратҷаласаи №6 қабул шудааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ -18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -18, «муқобил»- нест «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа,
д.и.х., профессори кафедраи биохимияи
тиббӣ, дорусозӣ ва тибби
рақамии ДИТРТ, Сафаров С.Ш.

Котиби ҷаласа,
н.и.х., мудири кафедраи
биохимияи тиббӣ, дорусозӣ
ва тибби рақамии ДИТРТ Амрохонов А.С.

Имзоҳои Сафаров С.Ш. ва
Амрохонов А.С.ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва
коргузории ДИТРТ
«___»_____ 2026 с. Мухторзода С.Г.